**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ - ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони истиқлолият мардуми Тоҷикистон баробар бо бунёди давлати миллӣ ва ҳуқуқбунёд ба эҳё ва омӯзиши мероси фарҳангию илмии гузаштагони худ рӯй овардааст. Бе омӯзиши осори пурмуҳтавои фарзандони маъруфи миллат, аз ҷумла осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ин раванд нопурра боқӣ мемонад. Ҳукумати кишвар бо дарки амиқи ин зарурат, бо Қарори махсус ҷашни 700-солагии ин мутафаккири барҷастаи Шарқро баргузор намуд, ки ба он доираи васеи донишмандону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҷалб гардиданд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314–1386), ки дар муҳити ирфонӣ ва сиёсати асримиёнагӣ фаъолият дошт, дар илму адаб, ақидаҳои иҷтимоию ахлоқӣ, инчунин дар ташаккули афкори давлативу ҳуқуқӣ саҳми намоён гузоштааст. Осори ӯ дорои арзишҳои устувори назариявию амалӣ мебошанд, ки масъалаҳои давлатдорӣ, адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи шаҳрвандӣ, тартибу низом, ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ, муносибатҳои молӣ, масъулияти ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегиранд. Мавзӯъҳое чун низоми одилонаи давлатдорӣ, масъулияти ҳокимон, нақши хирад ва ахлоқ дар идораи ҷамъият, ҳуқуқи аъзои оила, эҳтироми падару модар, покии никоҳ, муносибатҳои молӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ дар осори ӯ ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд. Маҳз ҳамин нуктаҳо омӯзиши осори ӯро барои илми ҳуқуқшиносии муосир, хоса дар заминаи таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон, дорои аҳамияти илмию амалӣ мегардонад.

Таҳқиқи осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ на танҳо барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа, балки ҳамчун манбаи муқовимат ба андешаҳои ифротгарона ва экстремистӣ аҳамияти махсус дорад. Таълимоти ӯ, ки бар таҳаммулгароӣ, сулҳдӯстӣ ва хирад асос ёфтааст, метавонад барои муосирон дар бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва таҳкими давлатдории миллӣ дастури арзишманд гардад.

Дар раванди давлатсозии муосир, Тоҷикистон бо такя ба таҷрибаи таърихӣ ва афкори ниёгони худ, аз ҷумла таълимоти давлативу ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, сиёсати сулҳу субот, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои фарҳангиро ҳамчун унсурҳои асосии рушди устувор ба роҳ мондааст. Аз ин рӯ, пажӯҳиши илмии осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ на танҳо бо мақсади эҳтироми таърихӣ ва фарҳангӣ, балки барои бозёбии асосҳои назариявӣ ва амалӣ дар таҳкими пояҳои ҳуқуқи миллӣ ва ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ аҳамияти махсус дорад. Осори ӯ метавонад ба сифати сарчашмаи иловагӣ дар омӯзиши таҳаввули афкори давлативу ҳуқуқӣ, ташаккули фаҳмиши иҷтимоӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷомеа хизмат кунад ва дар маҷмуъ, ҷузъи муҳими равандҳои муосири давлатсозӣ ва ҳувиятсозии миллӣ гардад..

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи таърихию назариявӣ маҳсуб меёбад, ки ба омӯзиши афкори давлативу ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар доираи таърихи ташаккули таълимот оид ба давлат ва ҳуқуқ бахшида шудааст. Мавқеъ ва аҳамияти илмии кори мазкур дар он ифода меёбад, ки барои нахустин бор асосҳои методологӣ ва назариявии андешаҳои давлатӣ-ҳуқуқии ин мутафаккири барҷаста ба таври низомманд таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар чанд самти асосӣ зоҳир мегардад. Якум, таҳқиқи амиқи пояҳои назариявию методологии афкори давлативу ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки зимни он консепсияҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бо такя ба манобеи аслӣ ва заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии давр мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дуюм, баррасии афкори мутафаккир дар фазои илмӣ ва фарҳангии асримиёнагии кишварҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна, ки имконият медиҳад робитаи таълимоти ӯро бо мактабҳои фалсафӣ ва мазҳабии замон муайян намуда, нақши ӯро дар ташаккули андешаҳои умумии исломӣ ва минтақавӣ арзёбӣ намоем. Сеюм, маърифати амалӣ ва муҳими андешаҳои мутафаккир барои замони муосир, ки қобили истифода будани онҳо дар соҳаҳои муҳими ҷомеашиносӣ, аз ҷумла тарбияи ҳуқуқӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, такмили сохтори

давлатдорӣ ва фаъолияти қонунэҷодкунӣ асоснок мегардад. Чорум, саҳми назарраси таҳқиқот дар ғанисозии илми ҳуқуқшиносии миллӣ ва хориҷӣ дар самти таърихи афкори давлатӣ-ҳуқуқӣ, ки бо истифода аз манбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии хоси мардуми тоҷик таҷрибаи миллиро ба гардиши илмӣ ворид мекунад ва бо ин васила майдони омӯзиши таълимоти давлат ва ҳуқуқро васеъ месозад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада на танҳо хислати хулосавии илмӣ доранд, балки метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи муқоисавӣ ва татбиқи амалӣ дар соҳаҳои сиёсати ҳуқуқӣ, маориф, тарбияи шаҳрвандӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ хидмат намоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Таҳлили амиқи мазмун ва муҳтавои диссертатсия, тарзи пешниҳоди андешаҳо, мураттабии мантиқии сохтори матн, сатҳи баланди хулосаҳои илмӣ ва истифодаи дурусти мафҳумҳои ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур дар асоси заминаи васеи назариявӣ ва таҷрибаи амалии соҳа таҳия гардида, ба таври мустаҳкам ба талаботи илмии муосир ва принсипҳои методологии таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф тавонистааст нисбат ба масъалаҳои калидии мавзӯъ мавқеи илмии мустақили худро ташаккул дода, онро дар асоси таҳлили муқоисавӣ ва мантиқии сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ асоснок намояд.

Ҳисси баланди масъулияти илмӣ ва сатҳи касбии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ба таври ҳамаҷониба маҷмӯи васеи адабиёт, аснод ва таҳқиқоти муосирро мавриди омӯзиш қарор дода, бо дарназардошти хусусиятҳои таърихию фарҳангии таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таҳлили масъалаҳо аз усулҳои таҳлили муосири ҳуқуқшиносӣ истифода намудааст. Дар ин раванд, мавқеи муаллиф ҳамчун пажӯҳишгари соҳибназар ва дорои таҳлили мустақилона, возеҳу равшан ифода ёфтааст, ки ин худ нишонаи тавоноии ӯ дар коркарди масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Мундариҷаи диссертатсия инъикоси огоҳии амиқи муаллиф аз вазъи кунунии илми таърихи афкори ҳуқуқ ва давлат буда, қобилияти ӯро дар баррасии танқидӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи мероси назариявии мутафаккирони гузашта, аз ҷумла Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, собит менамояд. Муаллиф тавонистааст бо истифода аз таҳлили мантиқӣ, масъалагузориҳои калидиро дар доираи як низоми илмии пайвасту ҳамоҳанг ҷой дода, сохтори умумии кори илмиашро ба таври ягона ва устувор ба намоиш гузорад.

Таҳқиқоти мазкур ҳамчун як кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасидаро метавон арзёбӣ кард, ки дар он робитаи устувори байни назария ва амалия, андешаи илмии тоза ва хулосаҳои амалӣ ба таври возеҳ мушоҳида мешаванд. Матни диссертатсия аз масъалагузориҳои бунёдие иборат аст, ки ҳар кадоми

онҳо дар иртиботи дохилӣ бо якдигар қарор дошта, дар маҷмӯъ як тасвири мукаммали илмӣ аз таълимоти давлативу ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба вуҷуд меоранд.

Дар натиҷа, ин пажӯҳиш на танҳо саҳми назаррас дар рушди илми таърихи ҳуқуқ ва афкори давлатдорӣ дорад, балки ҳамчун манбаи назариявӣ ва амалии пурарзиш метавонад барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, такмили барномаҳои таълимии ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи маънавию сиёсӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик хизмат намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ - ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳия шудааст, дорои сохтори муназзами илмӣ буда, мутобиқ ба талаботи методологии таҳқиқоти ҳуқуқӣ тарҳрезӣ гардидааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, се боби асосӣ (ки ҳар кадоме аз зербобҳои мушаххас иборатанд – дар маҷмуъ ҳашт зербоб), хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола 196 саҳифаро ташкил медиҳад.

Тартиби пешниҳоди маводи илмӣ, пайдарпаии мантиқии бобҳо ва зербобҳо, низоммандии таҳлили назариявию ҳуқуқӣ, инчунин робитаи зичи қисматҳои алоҳидаи кори илмӣ далели муносибати ҷиддии муаллиф ба таҳқиқот ва риояи принсипҳои методологии таҳқиқоти академӣ мебошад.

Муқаддимаи рисолаи илмии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф намунаи равшани асосноксозии ҳамаҷонибаи масъалаи таҳқиқ буда, аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ доштани мавзӯи интихобшударо дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд. Муаллиф тавассути таҳлили амиқи сатҳи омӯзиши масъала дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ на танҳо мухтавои назариявии мавҷударо ҷамъбаст намуда, балки холигиҳо ва масоили камтаҳқиқро ба таври возеҳ муайян кардааст, ки худ гоми муҳим дар самти навоварии илмӣ ба шумор меравад.

Бо риояи меъёрҳои методологии илмҳои ҳуқуқӣ, муаллиф ба таври дақиқ ва мукаммал мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқро муайян намуда, ҳудуди назариявию амалӣ ва мантиқии рисоларо мушаххас месозад. Ин равиш имконият фароҳам меорад, ки таҳқиқ дар доираи як низоми устувори илмӣ амалӣ гардида, ҳадафҳои он ба таври равшан ва мантиқӣ баён ёбанд. Заминаҳои назариявӣ, асосҳои методологӣ ва истифодаи манбаъҳои

муътамади таърихӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ собит месозанд, ки таҳқиқот бар пояи боэътимоди илмӣ устувор гардидааст.

Унсурҳои навоварии илмӣ, ки дар муқаддима зикр шудаанд, бо мукаммалият ва далелҳои мантиқӣ тавсиф ёфта, тавоноии онҳоро барои таъсир ба рушди қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии амалкунанда нишон медиҳанд. Ҳамин тавр, муқаддимаи рисола на танҳо воридшавӣ ба мавзӯъ аст, балки ҳамчун саргаҳи муҳим дар ташаккули асоснокии илмии таҳқиқот баромад мекунад, ки тавассути он заминаи мустаҳками илмӣ барои таҳқиқи афкори давлативу ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шароити муосир фароҳам мегардад.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «**Шароити таърихии ташаккул ва инкишофи ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ**» ба таври мантиқӣ ва низомманд аз ду зербоб иборат буда, заминаи методологӣ ва таърихии омӯзиши афкори ҳуқуқӣ ва сиёсиро ташаккул медиҳад. Дар зербоби якум **«Замони зиндагӣ ва рӯзгори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»**, муҳаққиқ ба шароити иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динӣ, ки дар онҳо шахсияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ташаккул ёфтааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Муаллиф вазъи мураккаби асрҳои XIV, равандҳои сиёсиву мазҳабӣ, низоъҳои дохилидинӣ ва таъсири мактабҳои тасаввуфиро бар шаклгирии ҷаҳонбинии мутафаккир ба таври муфассал баррасӣ менамояд.

Дар зербоби дуюм **«Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»**, паҳлӯҳои асосии фаъолияти илмӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва иҷтимоии ин нобиғаи тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф осори барҷастаи ӯро бодиққат омӯзида, нишон медиҳад, ки таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ на танҳо хусусияти ирфонӣ ва ахлоқӣ доштааст, балки дорои паҳлӯҳои равшан ва низомманди сиёсиву ҳуқуқӣ низ мебошад. Ин зербоб дар ташаккули тасаввури мукаммал дар бораи манбаъҳо ва решаҳои иҷтимоии андешаҳои давлативу ҳуқуқии мутафаккир нақши муассир мебозад.

Дар маҷмуъ, боби якум ҳамчун таҳкурсии таърихию иҷтимоии таҳқиқот хизмат намуда, заминаи боэътимоди шарҳи минбаъдаи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсиро фароҳам месозад.

Боби дуюми рисола таҳти унвони **«Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба мафҳум ва асосҳои давлатдорӣ»** дар се зербоби мустақил ташаккул ёфта, таҳлили амиқи таълимоти мутафаккирро дар заминаи асосҳои назариявии давлатдорӣ таъмин менамояд. Ин боб дар арсаи илми таърихи афкори ҳуқуқ ва давлат ҳамчун бахши калидӣ нақши муҳим дорад, зеро ба таври равшан самтгирии сиёсиву ҳуқуқии андешаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадониро бозтоб медиҳад. Аз ҷумла, зербоби аввал – **«Мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»** ба шарҳи

манбаъҳои ташаккули фаҳмиши давлат ва ҳокимият дар афкори мутафаккир бахшида шудааст. Муаллиф бар мабнои осори ирфонӣ ва ахлоқии Ҳамадонӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми давлат дар таълимоти ӯ на танҳо як сохтори сиёсӣ, балки пеш аз ҳама, муҳити ахлоқӣ ва масъулиятшиносист, ки бар адл, хирад ва адои уҳдадорӣ асос меёбад. Ҳокимият, тибқи ин таълимот, на воситаи зулм, балки амонатест, ки бояд бо адолат ва эҳсоси ҷавобгарии илоҳӣ истифода шавад. Дар зербоби дуюм – **«Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон»** муаллиф муносибати мутафаккирро ба ҳокимони сиёсӣ ва хизматчиёни давлатӣ шарҳ медиҳад. Дар ин қисмат муаллиф нишон медиҳад, ки Ҳамадонӣ ба зинаҳои ҳокимият масъулияти ахлоқии баланд вогузошта, ба поквиҷдонӣ, хирадварзӣ, худдорӣ аз золимӣ ва адолат ҳамчун шартҳои зарурии давлатдорӣ таъкид менамояд. Муҳимтарин унсури таҳлил ин аст, ки соҳибмансабон дар осори Ҳамадонӣ танҳо бо адолату амонатдорӣ сазовори идомаи ҳокимият дониста мешаванд.

**Зербоби сеюм – «Вазъи ҳуқуқии раият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»** ба баррасии ҷойгоҳ ва ҳуқуқи мардуми оддӣ дар низоми сиёсиву ҳуқуқии идеалии мутафаккир бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз таҳлили матнҳои манбаӣ собит месозад, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба раият – мардум – на ҳамчун объекти ҳукмронӣ, балки ҳамчун шарикони иҷтимоӣ ва дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайян менигарист. Вай бар зарурати ҳифзи ҳуқуқи онҳо, таъмини адолати иҷтимоӣ ва таълиму тарбияи ахлоқӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст.

Дар маҷмӯъ, боби дуюм мундариҷаи амиқи таълимоти давлатшиносии Мир Сайид Алии Ҳамадониро инъикос карда, таҳкурсии муҳим барои баррасии назариявии пояҳои давлатдорӣ, масъулияти ҳокимон ва ҷойгоҳи ҳуқуқии шаҳрвандон фароҳам месозад.

Боби сеюми рисола таҳти унвони «**Таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»** таҳлили мукаммалу низоммандро аз андешаҳои ҳуқуқии мутафаккир пешниҳод мекунад, ки робитаи қавии онҳо бо арзишҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва исломӣ таъкид мегардад. Дар зербоби аввал муаллиф ба таври мухтасар таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро муаррифӣ менамояд, ки бар пояи фаҳмиши адолат, масъулият, тартиботи ҷамъиятӣ ва танзими робитаҳои иҷтимоӣ асос ёфтаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки афкори ӯ, бо омезиши унсурҳои ирфонӣ ва ҳуқуқӣ, дар ташаккули тафаккури ҳуқуқии форсии асримиёнагӣ нақши муҳим бозидаанд. Дар зербоби дуюм таносуб ва робитаи мутақобилаи ҳуқуқ ва ахлоқ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, собит мегардад, ки ҳуқуқ аз ахлоқ ҷудонашаванда аст ва танҳо дар якҷоягӣ онҳо метавонанд ҷомеаи одил ва

инсонҳои масъулиятшиносро ба вуҷуд оранд; арзишҳои хирад, адолат ва тавозуни иҷтимоӣ дар маркази ин низом қарор доранд. Зербоби сеюм ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ бахшида шуда, нишон медиҳад, ки мутафаккир ба ниҳоди оила ҳамчун унсури бунёдии ҷомеа менигарист ва таълиму тавсияи ҳуқуқии ӯ дар самти масъулияти волидайн, эҳтироми тарафайн, покии никоҳ ва тарбияи фарзандон аҳамияти баланди иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доштаанд.

Дар маҷмӯъ, боби сеюм ҳамчун бахши меҳварии рисола таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро аз дидгоҳи фалсафӣ ва амалии ҳуқуқшиносӣ равшан намуда, ба густариши дониши илмӣ дар бораи решаҳои ҳуқуқи миллӣ ва хусусиятҳои таҳаввули он дар заминаи фарҳанги исломӣ ва ахлоқии тоҷику форс саҳми назаррас мегузорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тавассути таҳлили мукаммалу низомманди андешаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ на танҳо фаҳмиши амиқтари равандҳои таърихии ташаккули афкори сиёсиву ҳуқуқии халқи тоҷик фароҳам мегардад, балки марзҳои илмҳои таърих, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба таври назаррас тавсеа меёбанд. Ин пажӯҳиш заминаи боэътимодест барои рушд ва такмили таҳқиқоти минбаъда дар самтҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ, ки дар онҳо арзишҳои суннатии фикрии миллати тоҷик ва робитаи онҳо бо низоми ҳуқуқии исломӣ ва ахлоқи иҷтимоӣ барҷаста мегарданд.

Ҳамчунин, хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия метавонанд ҳамчун маводи арзишманд дар ҷараёни таълиму тадрис ва омӯзиши як қатор фанҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд, аз ҷумла: таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, фалсафаи ҳуқуқ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ, асосҳои ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон дар низоми байналмилалӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва проблематикаи муосири назарияи ҳуқуқ. Ғайр аз он, ин мавод метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии марбут ба равияҳои гуманитарӣ ва ҳуқуқшиносӣ хидмат намояд.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ таҳқиқот дорои аҳамияти калидӣ мебошад. Натиҷаҳои он метавонанд дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, эҳсоси худшиносии миллӣ, бедор намудани худогоҳии таърихӣ, таҳкими эҳтиром ба мероси фарҳангӣ ва афкори миллӣ, хоса дар миёни ҷавонон ва табақаҳои фаъоли ҷомеа, нақши муассир бозанд. Ба ин васила пажӯҳиши мазкур дар равандҳои таъмини суботи иҷтимоӣ, тарбияи

шаҳрвандии босавод ва дарки амиқи рисолати шахс дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд саҳмгузор мегардад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1. Дар нуқтаи ҳафтуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф изҳор медорад, ки сарчашмаҳои таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро метавон ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд: а) динӣ – Қуръон, ҳадисҳои Паёмбар, иҷмоъ, иҷтиҳод, фатво ва қиёс, ки моҳияти онҳо дар шаклгирии ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва арзишҳои меъёрии олим нақши калидӣ доштааст; б) ақлӣ – андешаҳо ва таҷрибаи шахсии муҳаққиқ, ки дар онҳо натиҷаҳои мулоҳизаҳои мустақил ва таҷрибаи зиндагии ӯ инъикос ёфтаанд; в) амалӣ – таҷрибаи идоракунии давлатӣ, санадҳои ҳуқуқии мақомот ва созишномаҳои гуногуни байнидавлатӣ, ки дар заминаи воқеияти сиёсиву ҳуқуқии даврai ҳаёти ӯ арзи вуҷуд доштанд ва ба таҳлили назариявӣ ворид гардидаанд.

Бо вуҷуди ин, аз матни мавҷудаи рисола пурра равшан намегардад, ки меъёру асосҳои чунин таснифот кадоманд ва оё он бар пояи таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои мустақим (матнҳои аслӣ, ҳуҷҷатҳои таърихӣ) ва сарчашмаҳои ғайримустақим (таҳқиқоти илмӣ, тавзеҳоти муосир) сохта шудааст ё на. Барои тақвияти арзиши илмӣ ва эътимоднокии ин бахш, зарур буд, ки муаллиф:

- принсипҳои интихоби гурӯҳҳои сарчашмаро ба таври возеҳ баён кунад (масалан, асосноккунии ҷудо кардани сарчашмаҳои динӣ аз амалӣ, вобаста ба моҳияти таъсири онҳо ба назария);
- нишон диҳад, ки кадом усулҳои таҳлил (таҳлили мазмунӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ) барои муайян кардани ин гурӯҳҳо истифода шудаанд;
- далелҳо ё намунаҳои мушаххас аз асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ биёрад, ки робитаи мустақими ҳар гурӯҳи сарчашмаро бо ташаккули ақидаҳои ҳуқуқии ӯ тасдиқ мекунад.

Чунин тавзеҳот на танҳо асоснокии методологии таснифотро таъмин менамояд, балки имкон медиҳад, ки хонанда дарки амиқтаре аз манобеи фикрӣ ва амалии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба даст оварад.

2. Дар зербоби дуюми боби дуюм муаллиф мавқеъ ва дидгоҳҳои Мир Сайид Алии Ҳамадониро дар бораи мақоми ҳуқуқӣ ва сиёсии подшоҳон, вазирон ва дигар табақаҳои амалдорони давлатӣ ба таври муфассал таҳлил мекунад. Таъкид мегардад, ки масъалаи мазкур ҷойгоҳи барҷаста дар суннати андешаи сиёсию ҳуқуқии ҳам Шарқ ва ҳам Ғарб дорад: аз «Сиёсатнома»-и Низом-ул-мулк ва «Насиҳат-ул-мулук»-и Абӯҳомиди Ғазолӣ то таълимоти

Н. Макиавелли дар Аврупо. Ин паҳнои манбаъҳо шаҳодат медиҳад, ки масъалаи ташкили ҳокимият, танзими меъёрҳои он, доираи ваколат ва масъулияти табақаҳои идоракунанда, ҳамчунин муносибати байни подшоҳ ва низоми вазорат, дар тӯли асрҳо яке аз мавзӯъҳои калидии тафаккури сиёсӣ боқӣ мондааст.

Муаллиф ба дурустӣ зикр менамояд, ки «Захират-ул-мулук»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пеш аз ҳама асари андарзӣ буда, ҳадафи он панду ҳидояти шоҳон, ҳокимон ва қишрҳои нуфузноки ҷомеа мебошад. Аз лиҳози матнӣ ва мавзӯӣ, он идомаи суннати андешавии «Насиҳат-ул-мулук»-и Ғазолӣ буда, ба масъалаҳои тадбири некӯ дар давлатдорӣ, риояи адолат, ҳифзи ҳуқуқи табақаҳо ва ахлоқи идоракунандагон таваҷҷуҳи вижа зоҳир менамояд.

Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани арзиши назариявӣ ва муқаррар кардани ҷойгоҳи илмии тадқиқот, мувофиқ мебуд, ки дар рисола таҳлили муқоисавӣ низ ворид гардад. Махсусан, муқоисаи низомманди афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо дидгоҳҳои дигар мутафаккирони форсу тоҷик (хусусан Ғазолӣ) ва намояндагони анъанаи сиёсии ғарбӣ (аз ҷумла Макиавелли) имкон медод:

– муайян кардани манбаъ ва асосҳои қонунии ҳокимият (иродаи илоҳӣ, адолати шоҳ, ризоияти ҷомеа) ва таҳлили мавозеи ҳамсон ва ихтилофӣ;

– муқоисаи меъёрҳои адолат ва ҳудуди масъулияти подшоҳ нисбат ба шариат, урф ва манфиати умум;

– баррасии мақоми ҳуқуқии вазирон ва амалдорон, шартҳои интихоб ва санҷиши онҳо, ҳамчунин механизмҳои назорату ҷавобгарӣ дар низоми идоракунӣ;

– ҷудо ва муқоиса кардани нақши ахлоқ (фазилат, тақво, парҳез аз зулм) аз мантиқҳои манфиатандешӣ ва қудратталабӣ, ки дар мактабҳои гуногуни фикрӣ таъкид шудаанд.

Татбиқи чунин таҳлили муқоисавии мавзӯӣ на танҳо ҳамсонӣ ва фарқиятҳои калидии мафҳумҳо ва падидаҳои меъёриро равшан месохт, балки манзалати «Захират-ул-мулук»-ро дар таърихи афкори ҳуқуқи давлатӣ ва ахлоқи сиёсӣ бо рӯшанӣ бештар нишон медод.

3. Дар рисола муаллиф ба таҳлили афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба арзиши олии инсон ва ҳуқуқҳои ӯ таваҷҷуҳ намуда, зарурати дар назар гирифтани ҳифз ва таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсро дар ҷараёни такмили минбаъдаи ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҳуқуқи инсон, таълим ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс вобастаанд, таъкид мекунад. Дар ин замина, ба таври вижа назарияи «инсони комил», ки аз ҷониби Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пешниҳод шудааст, мавқеи марказӣ мегирад. Мазмуни ин назария бар ғояҳои

инсондӯстӣ, риоя ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, арҷгузорӣ ба шахсият, ватандӯстӣ ва садоқат ба давлату миллати худ асос ёфта, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ барои рушди афкори сиёсию ҳуқуқӣ мебошад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ғояҳои мазкур метавонанд дар равандҳои таҳқиқоти илмӣ, низоми таълим, омӯзиши фанҳои дахлдор, инчунин дар таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои давлатӣ, бахусус дар соҳаи тарбия ва ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии шаҳрвандон, мавриди истифода қарор гиранд. Бо ин вуҷуд, аз муҳтавои рисола бармеояд, ки пешниҳодҳои мушаххасу амалии марбут ба роҳҳои татбиқи ин афкор дар соҳаи танзими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври возеҳ ироа нашудаанд.

Бо назардошти аҳамияти мавзӯъ, мувофиқ мебуд, ки муаллиф:

– самтҳои афзалиятноки мутобиқсозии ғояҳои «инсони комил» бо низоми қонунгузории амалкунандаи кишварро муайян созад;

– механизмҳои ворид намудани ин ғояҳоро ба барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, ҳам дар сатҳи мактабӣ ва ҳам донишгоҳӣ, тавсиф намояд;

– пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи онҳо дар таҳия ва ислоҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон равона шудаанд, таҳия намояд;

– имкониятҳои ҳамоҳангсозии ин назарияро бо стратегияҳои миллии рушди инсон ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи башар нишон диҳад.

Чунин тавсеаҳо на танҳо арзиши амалӣ ва тавсиявии рисоларо боло мебардоранд, балки робитаи назарияи Мир Сайид Алии Ҳамадониро бо воқеияти ҳуқуқиву сиёсӣ ва иҷтимоии замони муосир равшан месозанд.

4. Дар рисола муаллиф бо такя ба сарчашмаҳо ва манобеи гуногуни илмӣ ҳаёт ва афкори Мир Сайид Алии Ҳамадониро мавриди баррасӣ қарор додааст. Манбаҳои истифодашуда доираи васеи таҳқиқотҳои таърихӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқиро фаро мегиранд, ки аз ҷиҳати мазмунӣ арзиши назаррас доранд. Бо вуҷуди ин, дар матн эҳсос мегардад, ки саҳми таҳқиқоти муаллифони муосири ватанӣ дар ин замина ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.

Бо дарназардошти ин, мувофиқ мебуд, ки муаллиф доираи манбаъҳои ватаниро васеъ намуда, ба осори муҳаққиқони тоҷик, ки дар даҳсолаҳои охир дар робита ба ҳаёт, афкор ва таъсири илмӣ-фарҳангии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тадқиқот анҷом додаанд, такя кунад. Ин иқдом на танҳо асоснокии илмиву методологии рисоларо пурқувват мегардонад, балки ба таъмини мукаммалии таҳқиқот ва боло бурдани сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда хусусияти пешниҳодӣ дошта, ба муҳтавои илмӣ ва сатҳи методологии рисола таъсири манфӣ намерасонанд ва сифати умумии таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ муаллифи 15 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни андешаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми афкори сиёсӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки андешаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмӯъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ватанӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва такмили соҳа аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми фанҳои таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, фалсафаи ҳуқуқ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ, ҳангоми иҷрои корҳои

мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Калонзода Фатҳиддин Мирзошарифро нишон медиҳанд.

Дар умум, Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе А.М. Диноршоҳ

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар35/1,
Тел.: (+992 237) 221-99-02
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

**Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М.Пирназар

«16» август соли 2025

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 35/1,
Тел.: (+992 237) 221-99-41
E-mail: info@ msu.tj